آواز تاجیک

Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад

Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

Овози тоҷик

7 январи соли 2023 Шанбе № 2 (14910)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

ДАР НОҲИЯИ ТОШЛОҚ ИСТЕҲСОЛИ РАВҒАН БА РОҲ МОНДА ШУД

Корхонае, ки дар ин ноҳия ба истеҳсоли равған ихтисос дода шудааст, марбути кластери пахтаву нассоҷии «Expo Kollor Prin Tex» мебошад. Тавре ки ҳокими ноҳияи Тошлоқ Абдуқаҳҳор Ҷўрабоев гуфт, ҷорӣ гардидани низоми нави кластер барои коркарди ашёи хоми пахта то маҳсулоти тайёр имкониятҳои хеле фаровонеро фароҳам овардааст.

– Ман то таъйин шудан ба мақоми ҳокими ноҳия бо соҳибкорӣ машғул будам. Ҳоло беш аз се сол аст, ки дар ин мақом вазифа анҷом медиҳам. Мо бо парвариши тарзи кластерии кишти пахта машғулем. Деҳқонони ноҳияи мо ҳар сол дар бештар аз 5 ҳазор гектар кишту парвариши пахтаро ба роҳ мемонанд. Тамоми корҳои вобаста ба парвариши пахта дар асоси қоидаҳои замонавии агротехникӣ гузаронида шуд, – мегӯяд Абдуқаҳҳор Ҷўрабоев, – сол аз сол нақшаҳои шартномавиро мардуми ноҳия сарбаландона ичро мекунанд.

Ба ҳамагон маълум аст, ки Сарвари давлатамон аз низоми нав – кластер бо ҷидду ҷаҳд пуштибонӣ мекунад ва самараи он низ сол аз сол рӯ ба афзоиш овардааст. Кластер мачмааҳои бузурги истеҳсолиро дар шакли занҷир анҷом медиҳад. Яъне дар ин ҷараён ашёи хоми пахта ба маҳсулоти тайёри мавриди истеъмол ва истифодаи мардум табдил меёбад. Дар натиҷа зиёд шудани ҷойҳои нави корро ба мардум фароҳам оварда, манбаи даромад низ гардидааст.

Ҷўрабоев илова кард, ки ба туфайли корбасти чунин як корхонаи кластери пахтаву нассоҷии «Expo Kollor Prin Tex» дар ноҳия мардуми зиёд бо кор таъмин карда шуданд. Дар айни ҳол дар корхонаи мазкур 280 ҷойи кори доимӣ таъсис дода шуд, ки аъзои хонаводаҳои зиёдро бо манбаи даромади доимӣ ва зиндагии фаровон таъмин мекунад. Ҳадафи асосии сиёсати давлати мо таҳти раҳнамоии Шавкат Мирзиёев маҳз таъмини мардум бо ҷойи кори муносиб ва маоши мувофиқ аст. Хушбахтона, ин рисолати начибро кластери пахтаву нассоҷии «Expo Kollor Prin Tex» хеле хуб анҷом медиҳад.

Дар ин кластер коргарон бо ресандагӣ, бофандагӣ, рангкунии матоъ, истеҳсоли маҳсулоти дўзандагӣ, коркарди тухмӣ, истеҳсоли маҳсулоти тайёри дигар низ машғул мебошанд.

– Арзиши лоиҳаи мазкур 78,3 миллиард сўмро ташкил мекунад. Муассисони корхонаи «Expo Kollor Prin Tex» 38 миллиард сўмро аз ҳисоби даромади худ ва 3,7 миллион доллари амрикоиро аз ҳисоби кредите харҷ намуданд, ки "Микрокредитбанк" ҷудо кардааст, – гуфт Абдуқаҳҳор Ҷўрабоев.

Иқтидори солонаи истеҳсоли равған дар ин кластер 15 ҳазор тоннаро ташкил мекунад. Барои истеҳсоли равған аз чигити коркардшуда, офтобпараст, инчунин аз зироати дигари равғандор истифода мекунанд. Ин ҷо дар баробари равғани соф, кунҷора ва шулха низ тавлид карда мешавад.

Интизор меравад, ки дар давоми як сол ин корхона ба маблағи 225 миллиард сўм равған истеҳсол мекунад. 280 нафар коргарон дар се баст бо кор машғул мебошанд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
"Овози тоҷик".

Вилояти ФАРҒОНА.

ИСЛОҲОТИ МАЪМУРӢ, КИ ДАР ЎЗБЕКИСТОН ТАТБИҚ МЕШАВАНД, ДАР ОЯНДАИ НАЗДИК НАТИҶАҲОИ МУСБАТ ХОҲАНД ДОД

Ислоҳоти маъмурӣ, ки аз 1 январ дар Ўзбекистон оғоз ёфту ба муваффақшавӣ ба идоракунии ихчам ва самарабахши давлатӣ нигаронида шудааст, дар ҷомеаи коршиносии кишварҳои хориҷӣ боиси муҳокима қарор гирифт. Тавре ки қайд мегардад, гузаштан аз «идоракунии дастӣ» ба идоракунии маҷмӯӣ, ки бидуни монеаҳои бюрократӣ ва бесарусомонӣ натиҷаҳои мушаххас хоҳад дод, умуман ба манфиати одамон хидмат хоҳад кард.

Директори ичрогари Маркази тадқиқи сиёсӣ ва иқтисодии Малайзия Зоҳри ИДРИС:

– Фармони Президенти Ўзбекистон аз 21 декабри соли 2022 «Дар бораи чораҳои татбиқ намудани ислоҳоти маъмурии Ўзбекистони Нав» ҳуҷҷати хеле рўзмарра ва муҳим ба шумор меравад.

Солҳои охир дар Ўзбекистон бобати созмон додани низоми самарабахши идоракунӣ ислоҳоти васеъмиқёси маъмурӣ татбиқ шуданд. Зеро беҳбудии ҳама гуна давлати ҳуқуқбунёд аз самаранокии идоракунии давлатӣ вобаста мебошад. Аз ин нуқтаи назар таъмин намудани ихчамӣ, кордонӣ, адолатнокӣ ва низоми баландсифати идоракунии давлатӣ ҳамеша тақозои замон буду ҳаст.

Бешубҳа, ба ин метавон аз тариқи васеъ ҷорӣ намудани рақамикунонӣ дар идоракунии давлатӣ муваффақ шуд. Бо дар назардошти он, ки мо ба инқилоби чаҳорумини саноатӣ «Саноат 4.0» наздик мешавем, идоракунии давлатӣ низ бояд ба анъанаҳои охирин – истифодаи технологияҳои рақамӣ мутобиқ гардад. Истифодаи васеи онҳо дар фаъолияти мақомоти давлатӣ самаранокии хидматро баланд мебардорад ва омили инсониро хеле коҳиш медиҳад.

Ислоҳоти бонизом дар соҳаи идоракунии давлатӣ, ки дар Ўзбекистон татбиқ мегарданд, аллакай дар оянда наздиктарин ҳатман натиҷаҳои мусбати худро медиҳанд. Ба ин тарз масъулият ва тобеияти мансабдорон дар назди халқ меафзояд.

Беҳуда нест, ки соли 2023-юм дар мамлакат «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» эълон гардид. Ин маънои онро дорад, ки дар соли 2023-юм ҳукумат пешбинӣ менамояд кори оғозшударо бобати таҳкими ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон, таъмин сохтани таълими босифат ва омўзишро мустақимона идома диҳад. Ин иқдом сазовори баҳои баланд мебошад.

Дар соҳаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла, баланд бардоштани шуғл ва сатҳи зиндагии аҳолӣ, сохтмони муассисаҳои таълимӣ ва тиббӣ, шабакаҳои таъминоти оби ошомиданӣ ва роҳҳо дар минтақаҳо, таъмин кардани рушди устувори иқтисодиёт, беҳтар намудани шароит барои татбиқсозии тиҷорат, мусофиркашонӣ дар соҳаи нақлиёт, коркарди харитаи рақамии тамоми роҳҳо, рушди сайёҳӣ, фарҳанг ва варзиш низ вазифаҳои васеъмиқёс гузошта шудаанд.

3-4 ноябри соли 2022-юм ман дар анҷумани дуюми иқтисодии Ўзбекистон дар мавзўи «Одамон дар маркази ислоҳоти иқтисодӣ» ширкат доштам. Дар ҷараёни чорабинӣ ба ҷониби Ўзбекистон як қатор таклифҳоро бинобар рушди иқтисодиёт ва коҳиш додани нодорӣ пешниҳод намудам.

Муҳтақидам, ки тамоми саъю кўшишҳои пешбинишуда суръат мегиранд ва ба баланд гардидани некўҳолии халқи Ўзбекистон, иқтисодиёти мамлакат мусоидат менамоянд.

Директори Маркази тадқиқоти минтақавии Донишгоҳи Пешовар Шабир Аҳмад ХОН (Покистон):

– 20 декабри соли 2022-юм Президент Шавкат Мирзиёев дар Мурочиатномааш ба Олий Мачлис ва халқи Ўзбекистон изҳор дошт, ки яке аз бартариҳо дар соли 2023-юм ин ташаккул додани низоми ихчам ва самараноки идоракунии давлатӣ мебошад.

Баъди як рўз мо шоҳиди татбиқ шудани ин ташаббус гардидем. 21 декабр фармони Президент «Дар бораи чораҳои татбиқ сохтани ислоҳоти маъмурии Ўзбекистони Нав» қабул шуд. Мувофиқи ҳуҷҷат миқдори вазорату идораҳо коҳиш ёфт, ҳаҷми ваколатҳои ҳукумати нав вусъат пайдо кард, вазифаҳои мушаххас муайян шуданд, масъулияти ҳукумати нав барои татбиқ намудани сиёсати давлат дар ҳар кадом соҳа баланд бардошта шуд.

Боз як ҷиҳати муҳими ин ислоҳот он мебошад, ки вай фаъолияти вазоратҳоро метезонад, барои аз монеаҳои гуногуни бюрократӣ ва бесарусомонӣ халос хўрдан кумак мерасонад. Масъулияти сиёсиву маъмурии ҳар кадом вазир баланд бардошта, низоме, ки мувофиқи он лоиҳаи қарорҳои ҳукумат бевосита аз ҷониби вазорат коркард мешаванд, тартиб дода шуд. Ин ҳаллу фасли саривақтӣ ва босифати мушкилоти мавчударо дар мамлакат таъмин менамояд.

(Давомаш дар саҳ.2). ⇨

Фикри депутат

ДОНИШ – САРМОЯИ БУЗУРГ

Имрўз ба ҳама соҳа нигарем, мебинем, ки бе тарбия намудани кадрҳои баркамоли ҳозиразамон ягон натиҷа ба даст овардан мумкин нест. Сабаб дар он аст, ки ба самаранокии ҳар як ҳадафу ислоҳот тавассути илм ноил шудан мумкин аст.

Аз ин рў, дар панҷ-шаш соли охир дар мамлакатамон барои ба қуллаҳои баланди дониш расидан, ақлу заковат, имкониятҳои эҷодӣ ва қувваи худро нишон додани ҷавонон тамоми шароит фароҳам оварда шудааст.

Дар солҳои минбаъда дар натиҷаи ислоҳоти пай дар пай амалӣ гардонидашуда, садҳо мактабҳои нав, барои 500 ҳазор хонанда ҷойҳои иловагӣ, зиёда аз 7 ҳазор синфхонаи замонавии компутерӣ бунёд гардиданд.

Ба қарибӣ Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон дар Мурочиатномаи худ оид ба ислоҳот дар соҳаи маориф дар Маркази байналмилалии конгрессҳо ба ҳамин масъала дахл карда, таъкид намуд, ки ҳаракатҳо барои ҷорӣ кардани ташаббусҳо дар Ўзбекистони Нав, бахусус ислоҳоти соҳаи маориф дар ноҳияҳои дурдаст идома доранд.

Зимни мулоқот бо масъулони маориф ва омўзгорон дар бораи мактаббачагон ва меҳнати маҷбурӣ сухан ронда, қайд кард, ки қабул кардани қарор дар хусуси манъи ҷалби мактаббачагон ба меҳнати маҷбурӣ осон набуд. Камбудиҳои соҳаи таълим аз нуқтаи назари танқидӣ таҳлил гардида, роҳҳои бартараф намудани онҳо нишон дода шуданд. Афзалиятҳои рушди соҳаи маориф, баланд бардоштани малака ва нуфузи омўзгорон дар ҷомеа, баланд бардоштани маънавиёти насли наврас муайян карда шуданд.

Сарвари давлат дар бораи он ки ҳар як инсон фарзандон, ояндаи худро ба муаллим бовар карда месупорад, сухан ронда, таъкид кард, ки солҳои охир кайфият ва дарсдиҳии омўзгорон тағйир ёфтааст.

Ҳамаи ин натиҷаи он аст, ки дар Ўзбекистон солҳои охир дар ин бобат қадамҳои хеле муҳим гузошта шуда, пеш аз ҳама ба такмили сохтори маориф ва тарбияи ҷавонон дар руҳи ватандўстӣ ва маънавияти баланд диққати махсус дода мешавад.

Як вақтҳо омўзгорон аз вазифаи асосӣ дар канор монда, ба корҳое ҷалб карда мешуданд, ки ба фаъолияташон тамоман алоқаманд нестанд. Ба ҷойи он ки ба бачаҳо таълим диханд, тамоми тирамоҳро дар пахтазор мегузаронданд. Донишҷўён низ ба ҷойи таҳсил ба пахтазор рафта, пахта мечиданд. Ин ба сифати таълим таъсири манфӣ расонд.

Ба туфайли ислоҳоти соҳаи маориф таҳти роҳбарии Президентамон дар мамлакат дигаргуниҳои бузург ба амал омад. Ин навгониҳо на танҳо дар мамлакати мо дигаргуниҳои бузурги мусбат ба амал оварданд, балки обрўйи мамлакати моро дар арсаи байналхалқӣ ба марҳилаи нав бароварданд.

Чуноне ки маърифатпарвари маъруф Абдулло Авлонӣ гуфтааст: "тарбия барои мо ё ҳаёт, ё мамот, ё начот, ё ҳалокат, ё саодат, ё фалокат аст". Вазифаҳое, ки Сарвари давлат дар Мурочиатномаи худ ба Олий Мачлис ва зимни муаррифии китобҳои дарсии замонавӣ ба миён гузоштааст, аз он ҷиҳат қобили таваҷҷуҳ аст, ки онҳо барои баланд бардоштани сифати таълим ва таъмини рушди илм дар кишвари мо хидмат мекунанд.

Ғайрат АБДИЕВ,
узви Кумитаи масъалаҳои фан, таълим, маданият ва варзиши Палатаи қонунгузории Олий Мачлис.

14 январ – Рўзи муҳофизони Ватан

ХОНАНДАГОН ДАР ҚИСМИ ҲАРБӢ

Бо мақсади дар рўҳи ватандўстӣ тарбия намудани ҷавонон, дар қалби насли наврас ташаккул додани ғояҳои муҳаббат ба Ватан, садоқат ба ормонҳои истиқлолият, эҳтиром ба Артиши миллӣ, фидокорӣ ва садоқат ба касби интихобкардаашон тарбия кардани онҳо таҳти шиори "Артиши миллӣ – сипари мустаҳками Ўзбекистони Нав» дар қисми ҳарбии шаҳри Ангрен барои ҷавонони маҳалла «Рўзи дарҳои боз» гузаронда шуд.

Бояд гуфт, ки дар ин рўзҳо хонандагони мактабҳои маълумоти ҳамагонии ҷумҳуриамон дар таътили зимистонӣ қарор доранд. Дар қисмҳои ҳарбӣ барои пурмазмун гузарондани таътили ҷавонон чорабиниҳои гуногуни маънавӣ-маърифатӣ ташкил карда мешаванд.

Дар чорабиние, ки дар қисми низомии шаҳри Ангрен баргузор гардид, ҷавонон бо техникаи ҳарбӣ, аслиҳа ва шароити барои хидматчиёни ҳарбӣ фароҳам овардашуда шинос шуданд. Аҷаб нест, ки дар ҷавонон ҳангоми суҳбат бо бародарони низомии худ, ки дар ин ҷо хидмат мекунанд ва ошноӣ бо шароити барои онҳо фароҳам овардашуда нисбат ба хидмати ҳарбӣ шавқу рағбат пайдо шавад.

Чунин чорабинӣ дар гарнизони округи марказии ҳарбии Самарқанд баргузор гардид. Дар доираи чорабиниҳо таҳти шиорҳои «Вохўрии фармондеҳон ва ҷавонон», «Ман ҳам муҳофизи Ватан хоҳам шуд», «Сарбози шуҷоъ барои ҷавонон ибрат аст» ба ҷавонон дар баробари шинос кардани онҳо бо шароити дар қисми ҳарбӣ фароҳам овардашуда, доир ба ҳаёти ҳаррўза ва таҷрибаи соҳибони касби пуршараф ва машаққатнок маълумот дода шуд.

Илова бар ин, фармондеҳони қисми ҳарбӣ барои донишҷўёни ҷавон оид ба ҳаёти саркардаҳои бузург – соҳибқирон Амир Темур ва Султон Ҷалолиддин Мангубердӣ, ҳунарҳои ҷангии онҳо дарсҳои тарбиявӣ гузарониданд.

Маълумоти аз ҷониби хидматчиёни ҳарбӣ пешниҳодгардида ва асарҳои санъати дар намоишгоҳ гузошташуда шавқу рағбати донишҷўёнро ба касби ҳарбӣ бедор намуд.

Департаменти ахбор ва коммуникатсияи оммавии Вазорати мудофиа.

ИСЛОҲОТИ МАЪМУРӢ, КИ ДАР ЎЗБЕКИСТОН ТАТБИҚ МЕШАВАНД, ДАР ОЯНДАИ НАЗДИК НАТИҶАҲОИ МУСБАТ ХОҲАНД ДОД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ходими калони илмии Маркази тадқиқотии «Бунёди байналхалқии Вилиананда» Правеш Гупта (Ҳиндустон):

– Дар натиҷаи ислоҳоте, ки таҳти роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев тўли солҳои охир татбиқ мешаванд, муҳити иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ ҳамаҷониба тағйир меёбад. Консепсияи Ўзбекистони Нав, ки аз ҷониби роҳбари давлат пешниҳод гардид, мустақимона дар пеши назари тамоми ҷомеаи ҷаҳон ба ҳаёт татбиқ мешаванд. Ба Ўзбекистон, беш аз ҳарвақта, нафақат дар минтақа, балки дар сатҳи байналхалқӣ эътибор медиҳанд. Рейтинги мамлакат бинобар нишондиҳандаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодии ҷаҳонӣ сол аз сол беҳтар мегардад.

Ҳамчун идомаи мантиқии ин ислоҳот Президенти Ўзбекистон 20 декабри соли 2022-юм дар Муроҷиатномааш ба парлумон ва халқ дигаргуниҳои рўзмарраторинро дар мамлакат мушаххас намуд ва изҳор дошт, ки дар низоми идоракунии давлатӣ тағйироти муайяне ворид карда мешаванд.

Мувофиқи фармони Президент, ки аз 1 январи соли равон қудрат пайдо кард, миқдори вазоратҳо аз 25 то ба 21 адад кам карда шуд. Ғайр аз ин, шумораи мақомоти ҳокимияти иҷроия аз 61 то ба 28 адад ихтисор гардид. Ҳамзамон фаъолияти як қатор муассисаҳои давлатӣ боздошта шуд.

Мувофиқи низоми нав миқдори вазифаҳои давлатӣ, ки ба сектори хусусӣ дода шуданд, ҳадди ақалл се баробар афзуд. Ба ин ҷараён ҷорӣ намудани технологияҳои замонавии инноватсионӣ онро беш аз пеш фаъолтар мекунанд. Ба шарофати чунин тағйирот ҳамкории байни вазоратҳо осонтар мешавад, ки ба такмил додан ва тезондани кори ҳукумати Ўзбекистон мусоидат менамояд.

Бовар дорам, ки ин чорабиниҳо барои баланд бардоштани шаффофият, тобеият ва самаранокии фаъолияти ҳокимияти иҷроия асос фароҳам меоваранд. Аз ҳама муҳимаш, ҳамаи ин ба вусъатёбии алоқаи байни ҳукумат ва аҳолии мамлакат, ҳамчунин таҳкими эътимоди тарафайн хидмат хоҳад кард. Тўли солҳои наздиктарин ин тағйирот дар иқтисодиёти мамлакат натиҷаҳои мусбат хоҳад дод.

Фикр мекунам, қабули ин ҳуҷҷати муҳим бобати татбиқсозии ислоҳоти маъмурии Ўзбекистони Нав бинобар дар мамлакат ташаккул додани кори самарабахши мақомоти давлатӣ, ки халқро қонеъ месозанд, қадами муҳим мегардад.

АИ «Дунё».

ҶАШНВОРАИ «ДЎСТӢ»-И БОЙСУН

Сафири Фавқулодда ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ўзбекистон Абдуҷаббор Раҳмонзода бо навбат ба вилоятҳои тоҷикнишини кишварамон ташриф фармуда, бо вазъи мактабҳои тоҷикӣ ва марказҳои миллию маданӣ шинос мешавад. Сафари навбатии сафир ба ноҳияи Бойсуни вилояти Сурхондарё буд.

Дар арафаи соли нав, ки файзу шукўҳи хосса дорад, ташрифи сафир ба диёри хушманзар ва маърифатпарвари Бойсун воқеаи муҳим гардид. Меҳмони воломақомро намояндагони ҳокимияти Бойсун бо раҳбарии ҳоким Асқаралӣ Рачабов ва раиси Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони Бойсун Ғаффор Норбоев бо эҳтироми махсус пешвоз гирифтанд. Меҳмони олиқадр ҷойҳои таърихии ноҳия – “Чорчинор” ва “Хоҷа сурхпўши Валӣ”-ро зиёрат намуд ва баъд дар тадбири солинавии “Ҷавонон – оянда мо”-и Хонаи маданияти ноҳия иштирок кард. Дар ин чорабинӣ ҷавонони фаъоли маҳалла ва макотиби ноҳия ширкат варзиданд. Сонӣ, сафир аз мактаби мусиқа ва санъати рақами 6-уми ноҳия боздид ба амал овард. Ин масканро барои гузаронидани Ҷашнвораи “Дўстӣ” таҳти шиори “Ўзбекистон – хонаи умумии мо” ташаббускорони тадбир – ҳокимияти ноҳия, Маркази миллии маърифат ва санъати тоҷикони ноҳия ва ҳизби “Миллий тикланиш” ҳамаҷониба омода карда буданд. Меҳмонро бо нону намак пешвоз гирифтанд. Сафир аз тамошои маводи ҳунармандӣ, таомҳои миллӣ, ки дар наноҳияи Сариосиё будам, борҳо ба шаҳри Турсунзода сафар карда, бо раиси шаҳр Парвиз Акрамзода ҳамсуҳбат ва дўсту бародар шуда будем. Ин дўстии мо то ҳанўз идома дорад, – гуфт ў зимни суханрониаш.

Сафир низ дар бораи дўстии азаливу абадии мардуми тоҷику ўзбек, хидматҳои бузурги сарони давлатҳои ҳамсоя, муносибатҳои дипломатӣ ва ҳамкориҳои ҳамаҷонибаи ҳарду кишвар ҳарф зад.

– Ду адиби бузурги бойсунӣ, Нависандаи халқии Тоҷикистон Саттор Турсун ва Нависандаи халқии Ўзбекистон, шодравон Шукур Холмирзоев дўстии хеле мустаҳкам доштанд. Дар гузашта ва имрўз низ шахсиятҳои маъруфи фарҳангии Бойсун дар Ўзбекистон барои рушди илму фарҳанги тоҷикӣ саҳми босазо доштанду доранд.

Раиси Маркази миллию мадании тоҷикони вилояти Сурхондарё Рамазон Абдуллоев шеъри устод Лоиқ Шераліӣ “Суғдиён ҳар гаҳ ба кўйи дўст меҳмон мешуданд”-ро қироат карда, табъи ҳозиринро хуш намуд.

– Имрўз мавзўи дўстӣ муҳимтарин мавзўст, – гуфт ў. – Зеро ба туфайли дўстӣ замину фазои мо орому осудаст. Аз ин рў, мо китоберо таҳти унвони “Дўстии халқҳо – дўстии миллатҳо” таҳия намудем, ки маҷмўи мақола, шеъру таронаҳо ба ду забон – тоҷикӣ ва ўзбекӣ аст, – гуфт вай.

Ҳокими ноҳия ба сафир ҳамчун рамзи дўстӣ ҷома ва тоқии дастидўхти бойсуниёнро туҳфа кард. Сафир низ китобҳоро ба ҳоким ва Маркази миллию мадании тоҷикони Сурхондарё, Маркази миллии санъати тоҷикони Бойсуну мактабҳои тоҷикии ноҳия армуғон сохт. Баъд ҳоким ва меҳмон ба як гурўҳ фидоиёни соҳаи таълим ва маданият нишони сарисинагии “Ёшларни ватанпарварлик руҳида тарбиялаш учун”-ро зери кафкўбиҳо супориданд.

Баъд аз раставу дуконҳои бозори нав, ки аз ҷониби корхонаи бинокории “Нарзӣ – Қушбегӣ”, ки раҳбараш Беҳзод Қодиров мебошаду дар маркази ноҳия қад рост кардааст, аз маҳаллаи Сайроб, чашмаи мусаффои ин ҷо, чинори таърихӣ, ки қариб 1000 сол умр дорад, боздид кард, дар маросими кушодашавии боғчаи бачагонаи рақами 21, ки дар мавзеи Обгири маҳалла барои 150 нафар кўдакон замонавӣ сохта шудааст, иштирок карда, лентаро буриданд.

Олим ПАНҶИЗОДА,
хабарнигори
“Овози тоҷик”дар
вилояти Сурхондарё.
Суратгир:
Юнус ХОЛЁРОВ.

ХОНАИ НАВ БА ОИЛАИ ЭҲТИЁҶМАНД

Бо мақсади дастгирӣ намудани оилаҳои эҳтиёҷманд ҳимояи иҷтимоии 57 оила аз «Дафтари оҳанин» таъмин мешавад.

Аз ҷумла, бо роҳбарии прокурори ноҳияи Узуни вилояти Сурхондарё Б.Боймуров ба истиқоматкунандаи маҳаллаи «Меҳнат» Ҳайитгул Мусулмонова ба ҷои хонаи фарсуда ва берун аз шароитҳои зиндагияш хонаи нав сохта доданд.

Ҷонишини прокурори вилояти Сурхондарё Ў.Юсупов ва прокурор Б.Боймуров ба ин хонадон ташриф оварда, аз аҳволи аҳли хонадон хабар гирифта, хўрокворӣ ва барои гарм кардани хонаашон 250 кг ангишт низ оварданд.

Ҳоло Ҳайитгул Мусулмонова бо фарзандони худ дар ин хонаи нав шоду хуррам зиндагӣ ба сар мебаранд. Аз ин кори хайри прокурор дар баробари аҳли хонадон сокинони деҳа низ арзи миннатдорӣ мекунанд.

Уғулой ҶЎРАБОЕВА.
Вилояти СУРХОНДАРЁ.

Дар Муроҷиатномаи сарвари давлат ба Олий Маҷлис ва халқи Ўзбекистон таъкид шудааст, ки Самарқанд ҳамчун бузургшаҳри дунё ба маркази сайёҳӣ ва тиҷорати байналхалқӣ табдил ёфт, аз ин лиҳоз чун воҳиди алоҳидаи маъмуриву ҳудудӣ ба тобеияти ҷумҳурӣ гузаронида мешавад. Аз ҳама муҳимаш, аҳолии шаҳр ба як миллион нафар мерасад. Ин маънои онро дорад, ки дар шуъбаи муҳоҷират (миграция) ва ба қайдгирии шаҳрвандони корҳои дохилии шаҳр баробари вазифа масъулият боз ҳам зиёд мешавад.

БЕШТАРУ БЕҲТАР ХИДМАТ МЕКУНЕМ

Аксар шоҳид ҳастанд, ки ҳамагӣ чанд сол қабл аз ин дар бисёр идораҳои давлатӣ барои ҳаллу фасли мушкилот навбатпоӣ, асабвайронкуниҳо вуҷуд доштанд. Ҳоло бо сиёсати дурандешонаи Президент масъала ранги дигар гирифтааст. Яъне халқ барои идораҳои давлатӣ не, балки идораҳои давлатӣ дар хизмати халқ мебошанд. Бояд таъкид намуд, ки чунин кор дар шуъбаҳои корҳои дохилӣ, аз он ҷумла идораи муҳоҷират (миграция) ва ба рўйхатгирии шаҳрвандони шаҳри Самарқанд низ ҷорист.

– Агар аз рўйи адолат гўем, – гуфт роҳбари идораи мазкур полковник Олимҷон Норқулов, – одам бисёр, аммо онҳо масъалаи худро зуд ҳал мекунанд. Зеро қабул аз рўйи онлайн ё ки телефонӣ мебошад. Пас аз он, ки Самарқанд шаҳри сайёҳон эълон шуд, ташвиши мо афзуд. Аммо дастгоҳҳои замонавӣ, компутер ва коромўзон дастёри мо ҳастанд. Дар айни суҳбати мо қариб сад нафар шаҳрвандони Ҳиндустону Покистон омаданд. Роҳбари гурўҳ Муҳаммад Ҳасан ба мо иттилоъ дод, ки то имрўз як ҳазору сад нафар, ки барои таҷрибаомўзӣ ва таҳсил ба Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд омадаанд, аллакай дар шуъбаи муҳоҷират ба қайд гирифта шудаанд.

– Мо маҳз бегоҳирўзӣ омадем, ки одам кам аст ва вақти қимат барои ба навбат истодан сарф намешавад, – гуфт меҳмон аз Ҳиндустон – Ромеш Сингх. – Сонӣ, ходимон ниҳоят хушмуомила, тезкор ҳастанд. Аз фурсат истифода бурда, ба онҳо тавассути рўзномаи шумо миннатдорӣ изҳор мекунам.

– Танҳо соли сипаришуда ба 16 ҳазору 700 нафар мардуми Самарқанд ID-карта супурдем. Инчунин беш аз се ҳазору дусад нафар муваккатан ба рўйхат гирифта шудаанд. Барои ба кишварҳои хориҷа рафтан 24 ҳазору 632 нафар шиноснома гирифтанд. Инчунин 180 нафар шаҳрвандони хориҷӣ бо таклифнома барои фаъолият ба Самарқанд омаданд, ки расман ба рўйхат гирифта шуданд. Умуман, имрўз дар Самарқанд 11 ҳазору 508 нафар шаҳрвандон аз мамлакатҳои ҳамдўстӣ дар ҳисоби мо ҳастанд.

Навиди ҷолиби диққат он аст, ки бо Фармони Президент аз 1-уми январи соли 2023 дар тўли як моҳ сайёҳон бидуни раводид – виза метавонанд меҳмони Ўзбекистон шаванд. Аз ҷумла, шаҳрвандони Русия ба муддати 10 рўз аз маҷбурияти ба рўйхатгирӣ озоданд.

– Пўшида нест, ки баъзе шаҳрвандон нисбати ҳуҷҷати муҳими шаҳрвандӣ – шиноснома бепарво ҳастанд.

– Дуруст гуфтед. Бинобар ҳамин ҳам мо дар мактабу коллеҷҳо, гузару корхонаҳо бо мардум вохўрӣ ташкил карда, доир ба шиноснома суҳбат ташкил мекунем.

– Шуъбаи шумо бо киҳо ифтихор дорад?

– Дар идораи мо қариб сӣ нафар ходим буда, аксарият ғайр аз ўзбекӣ ва тоҷикӣ забонҳои русӣ, англисӣ, баъзе забонҳои хитоӣ, японӣ ва ғайраро ҳам медонанд.

– Дар омади гап бояд гўям, ки ҷамоаи мо байналмилал буда, дўстӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, ҳурмату эҳтиром дар мадди аввал аст. Қариб бист сол аст, ки Моҳина Юнусова, Қосим Маъруфов, Элбек Турсунов ва дигарон ба халқу Ватан аз сидқи дил хизмати шоиста мекунанд. Дар мо мактаби «устоду шогирд» амал мекунад, навкорон аз калонсолҳо таҷриба меомўзанд. Воқеан, худи ман соли 1999 пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Самарқанд дар идораҳои корҳои дохилӣ фаъолияти меҳнатиро оғоз карда будам. Аз устодони меҳрубонам Артур Бегалиев, Воҳид Содиқов, Ҳалим Асламов, Шуҳрат Абдухоликзода бисёр чизҳоро омўхтам.

Ман вақтҳои холӣ аз кор, албатта асарҳои бузургонро варақ мезанам ва шеъру байтҳои адибонро азёд мекунам.

– Боз чӣ амалҳоро дўст медоред, яъне хоббии шумо?

– Варзиш ҷону дилам. Ба қарибӣ барои тамошои чемпионати ҷаҳон оид ба футбол чанд рўз аз баҳри хоби ширин баромадем (мусоҳибам механдад).

– Оё фарзандон аз паси падар рафтанд?

– Духтарам Шаҳзода донишчўи факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Ҷасмина ҳуқуқшинос шуданист, писарам Беҳрўз дар мактаби махсуси милитсия таҳсил мегирад. Дугоникҳо Фотима ва Ҳусейн мактабхон.

– Олимҷон Насимович, «Соли нав омад шоду ғазалхон…»

– «Табрик созем, онро рафиқон!», — мусоҳибам завқ кард ва илова намуд, ки ҳоло мардуми Ўзбекистон зери таъсири Муроҷиатномаи сарвари давлатамон зиндагӣ ба сар мебаранд. Президент таъкид кардаанд, ки «Мо барои бахту осоиштагии ҳаёти ҳар инсоне, ки дар ин кишвар зисту зиндагӣ дорад, беҳбуди саломатии ў, соҳиби таълими хуб шудан, барои муҳайё сохтани шароити оилааш, фароҳам овардани тамоми имкониятҳо саъю ҳаракат мекунем ва ин корро мунтазам давом медиҳем».

— Мо низ дар «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» аз ҳаракат – баракат гуфта, бештару хубтар ба халқу Ватан хизмат хоҳем кард.

Суҳбаторо Зоҳир ҲАСАНЗОДА,
хабарнигори «Овози тоҷик»
дар вилояти Самарқанд.

СОЛИ НАВ – ДАР ХОНАҲОИ НАВ

Дар Чирчиқ, дар мавзеи Ўзбекистони Нав 12 бинои бисёрошёнаи иқоматӣ ба истифода дода шуд. 750 оила соҳиби хонаи нав шуданд.

Ҳокими шаҳри Чирчиқ Даврон Ҳидоятов дар назди соҳибони хушбахти хонаҳои ободу зебо қайд қард, ки манзилҳои зисти бо ташаббуси Сарвари давлат дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ бунёдгардида, бояд ба ороиши меъмории шаҳру кишварамон табдил ёбанд.

12 бинои 9 ошёна – танҳо марҳилаи аввали лоиҳаи сохтмон ва рушди маҷмўи мавзеи Ўзбекистони Нав мебошад, ки то соли 2024 дар назар дошта шудааст.

Дар мавзеи нав 32 бинои иқоматии баландиаш гуногун, боғчаҳои бачагона, мактабҳои таълими умумӣ, поликлиникаи оилавӣ, нуқтаҳои савдо ва хўроки умумӣ сохта мешаванд.

Бояд гуфт, ки манзилҳо бо назардошти истифодаи технологияи «зеҳнӣ» ва «сабз», ки ба стандартҳои байналмилалӣ ҷавобгў мебошанд, сохта мешаванд.

— Мо муддати дароз орзу доштем, ки манзили шахсии худамонро харем ва ниҳоят муяссар шудем, ки нақшаҳоямонро амалӣ гардонем, – мегўяд хидматчии ҳарбӣ Беҳзод Иброҳимов. – Ҳамроҳи ҳамсарам ду фарзандро тарбия карда истодаем. Дар хонаи сеҳуҷрагии барҳаво бачаҳо хонаи алоҳида доранд. Ташаккури зиёд ба Президент, барои дастгирии оилаҳои ҷавон.

Шаҳру ноҳияҳои вилояти Тошканд тағйир меёбанд. Бинокорон аз рўйи лоиҳаҳои мукаммал афзоиши минбаъдаи аҳолӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некўаҳволии одамонро ба ҳисоб гирифта, манзил, марказҳои савдо ва идораҳо месозанд, роҳҳо ва алоқаҳои навро барқарор мекунанд.

Тамоюли «Одамон имрўз зиндагии нағз гузаронанд, на фардо» дар амал татбиқ шуда истодааст.

Аксбардор: Рашид ГАЛИЕВ.

Бино ба натиҷагириҳои соли 2022 вилояти Фарғона аз рўи ба муассисаҳои таълимии томактабӣ фаро гирифтани кўдакон дар байни вилоятҳои ҷумҳурӣ ҷои якумро ба даст овардааст. То охири соли 2022 дар вилоят шумораи кўдакони 3-7-сола 308 ҳазору 412 нафарро ташкил намудааст.

ВИЛОЯТИ ФАРҒОНА – ДАР ҶОИ ЯКУМ

Аз ин шумор дар 3 ҳазору 329 муассисаи таълимии томактабӣ 265 ҳазору 234 нафар кўдакон ба таълиму тарбия фаро гирифта шуданд. Сатҳи фарогирӣ 86,3 фоизро ташкил медиҳад.

– Ҳоло дар вилояти мо 83 муассисаи томактабии хусусӣ, 112 муассисаи томактабии шарикӣ-давлатӣ ва 2 ҳазору 239 муассисаи таълимии томактабии типи оилавӣ фаъолият мекунанд. Миқдори боқимонда муассисаҳои таълимии томактабии давлатӣ мебошанд, ки сатҳи таълиму тарбия дар он хеле хуб ба роҳ монда шудааст, – мегўяд сардори Садорати муассисаҳои таълими томактабии вилоят Юлдузхон Хоҷаева.

Тавре ки ў боз таъкид варзид, дар давоми сол аз ҳисоби ташкил намудани гурўҳҳои рўзона ва кўтоҳмуддат дар муассисаҳои таълимии томактабии вилоят, ки бо иқтидори пурра кор намекунанд, таъсиси муассисаҳои нави таълимии томактабии ғайридавлатиро барномарезӣ намуданд. Гузашта аз ин, тармиму бозсозии муассисаҳои давлатии таълимии томактабӣ низ ба сифати баланд ба анҷом расонида шуд. Имрўз нишондиҳандаи фарогирии кўдакон аз ҳамин ҳисоб 86,3 фоизро ташкил кард.

Юлдузхон Хоҷаева қайд намуд, ки дар вилоят ҳиссаи кўдакони ба муассисаҳои таълимии томактабии ғайридавлатӣ фарогирифташуда то 25 фоиз пешбинӣ шуда буд, аммо ба далели фароҳам овардани шароит ва имкониятҳои беш аз пеш аз тарафи давлат барои соҳибкорон ва хоҳишмандон имрўз ин рақам 33,1 фоизро ташкил додааст.

Бар асоси маълумоти расмӣ, ҷиҳати фарогирии кўдакон ба муассисаҳои таълимии томактабӣ шаҳри Мўйноқи Қароқалпоқистон (100%) дар байни шаҳрҳои мамлакат ҷои аввалро ишғол мекунад.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири “Овози тоҷик”.
Вилояти ФАРҒОНА.

АРТИШИ МИЛЛӢ – СИПАРИ МУСТАҲКАМ

Артиши миллии мо ба қисми ҷудонопазири ҷамъият, ба қувваи пешбари оянда кишвар табдил гардида, барои дар рўҳи ватандўстӣ тарбия намудани насли наврас ва хидматчиёни ҳарбӣ, мустаҳкамкунии мавқеи фаъоли ҳаёти онҳо, баланд бардоштани ҳисси масъулнокии шаҳрвандон хидмат менамояд. Ҳифзи Ватан новобаста ба синну сол, касб ва фаъолият вазифаи шарафноки ҳар як шаҳрванд мебошад.

Ҳар сол дар мамлакатамон 14 январ – Рўзи муҳофизони Ватан васеъ ҷашн гирифта мешавад. Чорабиниҳои арафаи ин иди умумихалқӣ меҳру муҳаббати насли наврасро нисбат ба Модар-Ватан афзуда, ба тарбияи онҳо дар рўҳи садоқат ба Ватан, ғояҳои истиқлол хидмат мекунад.

Дар Донишкадаи ҳарбии ахбору технологияи комуникатсия ва алоқаи Вазорати мудофиа бо ҳамкории Иттиҳоди журналистони Ўзбекистон таҳти шиори «Артиши оммавӣ, собиқадорони Қувваҳои Муссалаҳ, устодон ва курсантҳои донишкадаи мазкур иштирок карданд.

Ҷонишини раиси Иттиҳоди журналистон Холмурод Салимов таъкид намуд, ки солҳои охир бо мақсади боз ҳам баланд бардоштани салоҳияти ҷанговарони Қувваҳои Мусаллаҳ аз ҷониби Сарвари давлат зиёда аз даҳ қарору фармон имзо шуд. Барои баланд бардоштани нуфузи хидмати ҳарбӣ масъалаҳои ҳимояи иҷтимоии аъзоёни оилаи хидматчиёни ҳарбӣ ва собиқадорон ҳаллу фасл мешаванд.

– Артиши миллиамон сол аз сол такмил ёфта, дараҷаи тайёрии қўшунҳои он ҳам аз ҷиҳати техникӣ ва ҳам аз ҷиҳати тактикӣ баланд мегардад. Имрўз хидмат дар сафи артиши миллӣ орзуву омоли ҳар як ҷавонмарди Ватан мебошад, – гуфт роҳбари донишкада Ҳаким Муҳиддинов.

Дар ҷамъомад устоди донишкадаи мазкур, подполковник Зиёдулло Тоштоев доир ба хидмати ҳарбии худ дар даврони Шўро, бартарияту афзалиятҳои хидмату фаъолияти ҳарбиёни имрўза, ислоҳоте, ки солҳои охир таҳти сарварии Президент дар соҳа ва артиши миллӣ амалӣ мешавад, мақсаду моҳияти қарору фармонҳои сарвари кишвар вобаста ба Қувваҳои Муссалаҳ ҳарф зад.

Дар поёни чорабинӣ бо шароит ва имкониятҳои донишкада шинос шуданд ва мутасадиён ба саволҳои ходимони ВАО ҷавобҳои қаноатбахш доданд.

Далер АЗИЗОВ,
хабарнигори «Овози тоҷик».

СОЛИ ПУРФАЙЗУ ФУТӮҲРО ИСТИҚБОЛ ГИРИФТЕМ

Мо бо соли 2022 хайрухуш кардаву соли 2023-ро истиқбол гирифтем. Дар арафаи Соли нав бо чанде аз аҳли фарҳанг ҳамсуҳбат шуда, фикру ақидаашонро доир ба соли сипаришуда ва интизориҳояшонро аз соли 2023 пурсидем.

Шоир ва омӯзгор, директори мактаби рақами 3-юми ноҳияи Сӯх Расулбеки Аҳмадзод гуфт, ки барояш соли 2022 аз як ҷиҳат, хеле соли бобарор, аз ҷиҳати дигар, соли андак пурташвиш низ буд. Аз ин ҷиҳат бобарор буд, ки дар соли хониши 2021-2022 вай бо нишони сарисинагии “30-солагии истиқлолияти Ӯзбекистон” сарфароз гардид.

– Мақолаҳои илмиам дар китоби бахшида ба 81-солагии устод Лоиқ – «Ман намемирам» таҳти унвони «Ғазалиёти Лоиқ» ва мақолаи услубиам дар китоби дастҷамъии «Муаллим ва таълим» зери унвони «Таълими муаммоӣ дар дарси забони тоҷикӣ» аз чоп баромад, – изоҳ намуд Р. Аҳмадзод.

– Чанд шеъру ғазал ва мухаммасоти навам дар саҳифаи рӯзномаҳои даврӣ, инчунин шабакаҳои иҷтимоӣ эълон шуданд, ки боиси сарфарозии ман аст. Аз ҳама муҳимаш, маҷмӯаи нави ашъорам иборат аз ғазал, мухаммас, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ ва тарҷумаи шеърҳо ҳамин шабу рӯз нашр ва ба дасти шефтагони шеъри ноби форсӣ хоҳад расид.

– Гуфтед, ки соли 2022 дар баробари дастовардҳо аз ташвиш низ орӣ набуд...

– Бале. Ин ташвишҳо бевосита ба вазифаам таллуқ дошт. Соли хониши 2021-2022 нотавонбинони забону фарҳангамон, ки пайваста дар пайи маҳв сохтани он талош мекунанд, ба ман хеле фишор оварданд, аммо ҳамаи талошҳояшон ноком анҷомид. Рӯзи аввали соли хониши 2021-2022, пеш аз оғози «Занги аввал», даҳ нафар хонандагони синфи якумро маъмурияти мактаби махсусгардонидашудаи рақами 2, ки дар ҳамсоягии мо қарор дорад, бидуни мувофиқа ба ин мактаб ҷалб намудааст, то ки аз ҳисоби ин даҳ нафар як синфи ӯзбекӣ ифтитоҳ кунад,– мегӯяд Расулбеки Аҳмадзод.

Ҳарчанд вай бо ду-се нафар омӯзгорони мактаб нодурустии ин корашонро баён кардааст, аммо директори он Хурсанд Ҳамроалиев «Ин бачаҳо дар мактаби махсусгардонидашуда таҳсил мекунанд», гӯён талабашонро қатъиян рад кардааст. Дар идома Х. Ҳамроалиев онҳоро муттаҳам намудааст, ки тантанаи «Занги аввал»-и мактабашро вайрон карданд. Баъд ба суди маъмурӣ муроҷиат кардааст ва суди маъмурӣ низ қилро аз хамир ҷудо накарда, Р. Аҳмадзодро ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидааст.

Ба таъкиди Р. Аҳмадзод ҳатто кор ба ҷое расидааст, ки вай аз вазифаи директори мактаби рақами 3 сабукдӯш шуда, ба ҷояш Х. Ҳамроалиев директор таъин гардидааст. Ин дар ҳоле ба вуқӯъ пайвастааст, ки Р. Аҳмадзод имтиҳоноти тестро дар АРГОС муваффақона супурдааст ва холҳои баланд ба даст овардааст.

– Медонистам, ки ин ҳаракатҳо зидди қонунгузории Ҷумҳурии Ӯзбекистон аст. Барои ҳамин ба суди шаҳрвандӣ шикоят кардам ва суд холисона адолатро барқарор намуд. Ман дубора ба сари кори худ баргаштам. Воқеан, ба устувории қонун дар Ӯзбекистон бори дигар амин гаштам, – хушҳолона изҳор намуд ҳамсуҳбати мо.

Р. Аҳмадзод боз тазаккур дод, ки ҳифзи забону фарҳанги миллӣ бештар бар дӯши аҳли адабу фарҳанг ва равшанзамирон вогузор мебошад. Онҳо бояд талош намоянд, ки забони ноби форсии тоҷикӣ пойдор бошад, аммо донистани забони давлатӣ низ вазифаи ҳар як шаҳрванди мамлакат мебошад.

– Дастгирӣ аз рӯзномаҳои “Овози тоҷик” ва “Садои Сӯх” ва “Овози Самарқанд”, тарғибу ташвиқи он низ аз рисолатҳое маҳсуб меёбад, ки ҳар як равшанзамир, хусусан аҳли адабу фарҳанги тоҷики муқими Ӯзбекистон бояд инро дарку эҳсос намояд, сари вақт худаш ба ин рӯзномаҳо обуна шавад ва аз дигарон низ даъват ба амал оварад, ки ин рисолатро сарбаландона иҷро кунанд. Дар акси ҳол ҳар гуна доду валвала нисбати ватанхоҳиву забондӯстӣ бепояву асос хоҳад буд.

– Шумо аз соли нав чӣ интизориҳо доред?

– «Соле, ки накӯст, аз баҳораш пайдост», гуфтааст мардуми мо. Соли 2023 бо ташаббуси Президенти муҳтарам Ш.Мирзиёев «Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат» эълон карда шуд. Бигзор соли нави 2023 соли амну осоиш, дӯстиву рафоқату ҳамгироӣ, соли бобарору фаровонӣ ва ободӣ, соли тантанаи адолату ҳақиқат гардад. Итминони комил дорам, ки дар соли нави 2023 сифати таълиму тарбия боз ҳам баландтар бардошта мешавад. Омӯзгорони мактаби таълимоти ҳамагонии рақами 3 дар ин ҷода ҳатман дар safи пеш қарор хоҳад гирифт.

– Ман наздики бист сол аст, ки дар мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 14 аз забон ва адабиёти тоҷик сабақ медиҳам. Аз шогирдони профессори равоншод, устоди Донишгоҳи давлатии Хуҷанд Абдуманнони Насриддин мебошам, ки дар рушди илму фарҳанг саҳми бузург гузоштааст. Вай ҳамеша аз мо талқин менамуд, ки дар тадриси мероси ниёкон ва адабиёти муосир масъулияташ шинос бошем. Забони ноби форсиро, ки ҳатто онро забони аҳли биҳишт низ меноманд, ба шогирдон дурусту комил омӯзонем ва фаромӯш накунем, ки он забони Рӯдакиву Фирдавсӣ, Ҳофизу Саъдӣ, Хайёму Румӣ, Турсунзодаву Миршакар, Лоиқу Бозор Собир мебошад. Масъулияти рушду такомули ин забонро маҳз пеш аз ҳама мо, омӯзгорони забон ва адабиёти тоҷик бар дӯш дорем, – мегӯяд Зарифҷон Ботиров.

Вай меафзояд, ки солҳои пеш соатҳои дарси забон ва адабиёти тоҷик дар мактабҳои таҳсилоти ҳамагонии кишварамон хеле зиёд буд ва маъмурияти мактаб ҷиҳати таҳсимоти дарс барои омӯзгорони ин фанҳо ба ягон мушкилӣ дучор намегардид. Аммо ҳоло соатҳои дарси забон ва адабиёти тоҷик, ки барои мактабҳои тоҷикӣ басо муҳим ва аввалдараҷа мебошад, тамоман кам шудааст. Ҳатто барҳе аз омӯзгорони соҳиби маълумоти олӣ бо 8-10 соати дарс мондааند, ки маишати оилавии онҳоро таъмин нахоҳад кард.

Президенти мамлакат зимни Муроҷиатнома ба Олий Маҷлис ва мардуми кишвар боло бурдани сифати таълимро дар мадди аввал гузошт. Моро лозим меояд, ки ҷавобан ба ин Муроҷиатнома нисбати кору вазифа масъулияти бештар зоҳир кунем. Аммо агар омӯзгори мактаб ҳадди ақал ба як ставкаи дарс таъмин карда нашавад, вай наметавонад сифати таълимро боло барад. Зеро маҷбур аст, ки машғули корҳои дигар низ шавад ва барои зиндагии аҳли байташ қути лоямути иловагӣ пайдо кунад, – таъкид намуд Зарифҷон Ботиров.

Зиндагӣ одамро ба маҷрои гуногун мебарад. Агар инсон аз сабру тоқат орӣ мебуд, дунё валангор ва ҳаёт маънӣ пайдо намекард. Шукр, ки ҷумҳурии мо таҳти роҳнамоии Шавкат Мирзиёев сол аз сол рушду ривоҷ меёбад ва ба дастовардҳои начиб ноил мешавад. Албатта, он дархостҳои омӯзгорони фидокори мо, инчунин камбудиҳои ҳаёти иҷтимоӣ оҳиста рафъ хоҳанд шуд. Зеро Президент ҷиҳати боло бурдани қадру манзалати омӯзгор ва фароҳам овардани шароити беҳтар беш аз пеш ҷидду ҷаҳд менамояд.

Мирасрор АҲРОРОВ,
мухбири
“Овози тоҷик”.

Вилояти ФАРҒОНА.

Ӯзбекистон – хонаи умумии мо

МАҚСАДҲОЯМОН МУШТАРАК

Аз қадим халқҳои ӯзбеку тоҷик, ки урфу одат ва анъанаҳои муштарак доранд, ҳамеша чун ҳамсояҳои наздик дӯсту бародарвор зиндагонӣ мекунанд, онҳоро бисёр риштаҳои мустаҳками дӯстӣ ва хешутаборӣ ба ҳам мепайванданд. Пайвастагии маънавиёт, адабиёт, мусиқа ва тарзи зиндагии ин ду миллат як падидаи беназири таърих аст.

Ба шарофати иродаи қатъии сиёсӣ ва сиёсати дурандешонаи президентҳои ду мамлакат ҳамкориҳои гуногунҷабҳа ва робитаҳои дӯстонаи мо ба зинаи нав баромад.

Маркази миллӣ-маданиии тоҷикони вилоят аз соли 2007-ум, боз дар “Дӯстлик уйи”-и шаҳри Намангон фаъолият дорад. Вазифаи марказ дӯстии халқҳои нафақат ӯзбеку тоҷик, балки тамоми миллатҳоеро, ки дар худуди вилоят зиндагӣ мекунанд, мустаҳкам кардан аст. Мо дар ин ҷода корҳои назаррасро ба роҳ монда истодаем.

Дар ноҳияҳои Намангон, Чуст, Поп ва Косонсой зиёда аз 300 ҳазор аҳолии тоҷик хушбахтона умр ба сар мебаранд. Онҳо бо ӯзбекон ва намояндагони дигар миллатҳо дӯстии мустаҳками хешутаборӣ доранд ва барои рушду ривоҷи мамлакати бисёрмиллатамон ҳиссаи арзандаи худро мегузоранд. Ба қарибӣ бо ташаббуси ҳокими вилоят – Шавкат Абдураззоқов барои ҳар як маркази миллӣ ба миқдори 50 миллион сӯм маблағ ҷудо карда шуд. Ин маблағ барои эҳтиёҷоти марказ, чорабиниҳои маънавиву маданӣ ва ғайра истифода мешавад.

Тавре ки таъкид шуд, расму оинҳои ин ду миллат ба ҳам наздиканд. Дӯстии байни Мир Алишери Навоӣ ва Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ ин қаробатро дучандон кардааст.

Соли гузашта бо ташаббуси Маркази миллию мадании тоҷикони вилоят бахшида ба 110-солагии мавлуди Сотим Улуғзода, иди Наврӯз, 9 май – Рӯзи хотира ва қадр, ҷашнҳои Истиқлол, Сарқонун дар мавзӯъҳои “Ӯзбекистон – хонаи умумии мо”, “Ватан ягона – ғоя ягона”, “Ӯзбекистон – оилаи сермиллат”, “Бехатарии сарҳад – осоиши мамлакат”, “Миллатлар кӯп, Ватан бир, Ӯзбекистон – кенгбағир” чорабиниҳо баргузор гардиданд.

Хурсандиовар аст, ки Марказ дар доираи лоиҳаи гранти давлатӣ, ки аз ҷониби Бунёди ҷамоатии дастгирии идораҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ ва созмонҳои ғайридавлатию ғайритиҷоратии назди Олий Маҷлис эълон гардида, таҳти мавзӯи “ Ӯзбекистон – хонаи умумии мо” гузашт, ғолиб шуд. Иштирокдороне, ки дар озмунҳо фаъол буданд, аз тарафи марказ бо туҳфаҳои қимматбаҳо рағбатнок карда шуданд. Мо дар мактабҳои миёнае, ки таълимашон бо забони тоҷикӣ аст, суҳбатҳо гузаронидем, бо иштироки муаллимон ва хонандагони фаъол дар мавзӯҳои “Ӯзбекистон – хонаи умумии мо”, “Мо тарафдори оромиву осоиштагӣ”, “Бир осмон остида, бир юрт бағрида”, “Ӯзбекистон – бағрикенг диёр” ва бахшида ба рӯзи Конституцияи давлатӣ озмунҳои иншо ва расмҳо баргузор шуданд.

Шоҳида ДАМИНОВА,
ҷонишини раиси Маркази
миллию мадании тоҷикони
вилояти Намангон,
барандаи нишони
“Халқлар дӯстлиги”.

ШОГИРДОНИ НОМВАРИ МАКТАБ

– Ҷамоаи омӯзгорони мактаби рақами 10-уми ноҳияи Деҳқонобод Соли навро бо рӯҳияи хубе оғоз карда, неруи худро барои бехбуд бахшидани сифати таълим масраф хоҳанд намуд, – гуфт сарвари дабистон Шӯҳрат Сориев.

Соли 2023 Соли эътибор ба инсон ва таълими босифат ном гирифт ва ин масъулияти омӯзгорро беш аз пеш дар соҳаи таълиму тарбияи шогирдон афзуд. Вай аз он изҳори шодмонӣ кард, ки ба қарибӣ 4 тан аз шогирдони мактаб зинаи вилоятии озмунҳои фанниро сарбаландона гузашта, ба давраи ҷумҳуриявии ин озмун роҳхат гирифтанд. Дар сабқати мазкур аз ноҳияи Деҳқонобод дар маҷмӯъ 9 нафар хонанда ғолиб дониста шуданд. Аз ин теъдод чаҳор танҳо шогирдони мактаби рақами 10 ташкил мекунанд. Хонандаи синфи 9 Зафар Амонов аз фанни забон ва адабиёти тоҷик ҷойи аввалро ишғол намуд. Аз фанни забони ӯзбекӣ хонандаи дигари ҳамин синф Бону Рӯзиқулова ҳам ба гирифтани ҷойи аввал мушарраф гардид. Аз фанҳои забон ва адабиёти тоҷик боз ду шогирди ин дабистон Ҷумъа Ашуров (синфи 10) ҷойи дуюм ва Файзалӣ Ҷумъаев (синфи 11) зинаи сеюми ғолибиятро ишғол намуданд ва ҳуқуқи иштирок дар марҳилаи ҷумҳуриявии озмунро пайдо карданд.

Барои ноил гардидан ба ин муваффақият хидмати устодони дабистон Хусрав Мирзоев, Ҳамин Холмӯъминов, Муҳиддин Норқулов, Салим Холмӯъминов (муовини директор оид ба корҳои таълиму тарбия) ва Бобоҷон Бобоев беқиёс аст.

Шӯҳрат Сориев, бо фахр гуфт, ки иддаои баъзе падару модарон дар робита ба коста шудани сифати дониш дар мактабҳои таълимашон ба забони тоҷикӣ пучу бебунёд буда, тавфиқи шогирдонаш дар сабқатҳои фаннӣ инро собит намудааст.

Шариф ХАЛИЛ,
мухбири “Овози тоҷик”.

Вилояти ҚАШҚАДАРЁ.

Маскани зиё

Китобхонаи қасри фарҳанги «Фарҳод»-и Навоӣ аз масканҳои маърифатиест, ки дорои захираи бойи маънавӣ буда, ба хонандагони касбу корашон гуногун хидмат мекунад.

Қасри фарҳанги «Фарҳод» бинои сеошёна аст. Китобхонае, ки масоҳаташ 2 ҳазор метри квадратиро ташкил медиҳад, дар ошёни сеюм мавқеъ гузидааст.

Ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 300 нафар аз китобхона дидан мекунанд. Дар китобхона ба ҷуз зали хониш, шуъбаҳои ахбору библиография ва муолиҷа, бахшҳои маънавияту маърифат, харид ва муқовабандии китоб низ фаъолият доранд.

Имрӯз дар фонди китобхона беш аз 222 ҳазор китоб ва 50 номгӯй нашрияи даврӣ мавҷуд аст.

***Дар акс:** дар китобхонаи қасри фарҳанги «Фарҳод».*

Аксбардор: Сироҷ АСЛОНОВ (ЎзА).

БОҒЧАИ НАВ ДАР МАҲАЛЛАИ «АБӮАЛӢ ИБНИ СИНО»

Дар ҷамоати шаҳрвандони маҳаллаи «Абӯалӣ ибни Сино»-и шаҳри Бухоро бинои муассисаи таълими томактабии давлатии №7, ки мувофиқи барномаи сармоявӣ бунёд гардид, ба истифода супорида шуд. Ин бинои дорои 120 ҷойро, ки қимати лоиҳавиаш қариб 3 миллиарду 800 миллион сӯм мебошад, бинокорони ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Элегант Инвест» бунёд карданд.

Иштирокдорони маросими кушодашавии боғча дар бораи самараи ғамхориҳо бобати мувофиқи талабҳои замон ташкил намудани ҷараёни таълиму тарбия ва фарогирии бачагон дар муассисаҳои таълими томактабӣ комёбиҳои дастрасгардида ҳарф заданд. Сипас, иштироккунандагони тадбир бо шароити корию имкониятҳои боғча, аз ҷумла бо дарсхонаҳо, хобгоҳу ошхона, мебелу ҷиҳозҳо, воситаҳои аёнии он аз наздик шинос шуданд.

А. АВЕЗОВ,
мухбири «Овози тоҷик»
дар вилояти Бухоро.

Адаш ИСТАД

МӮРЧАЯКИ ДИЛСӮЗ

(Афсона)

Дар байни мӯрҳои сиёҳ мӯрчаяке таваллуд шуд, ки хаёлӣ буд. Доимо аз хати роҳи рост берун мерафт ва аз калонҳо танбеҳ мешунид. Калонҳо талаб мекарданд, ки аз хати кашидаи онҳо берун набарояд. Аммо барои ӯ олами атроф ачиб буд ва саргарми омӯзиши табиат шуда, гоҳо роҳгум мезад ва бегоҳӣ гуруснаю бемадор ба хона бармегашт.

Хонаи мӯрон хонаҳои микрорайон барин бисёрқабата буд. Ҳама барои бисёртар ғалладона ҷамъ овардан пайваста меҳнат мекарданд. Анборҳо аз тухми анвои гуногуни наботот пур мешуданд. Аммо ба сабаби сернамии замин неш мезаданду нобуд мешуданд. Дили Мурчаяки хаёлӣ ба мӯрҳое, ки меҳнаташон зоеъ мерафт, месӯхт.

Рӯзе сардори мӯрҳо — Мӯри Калон ба ӯ гуфт:

— Бас аст муфтхӯриву сарсарӣ гаштан! Ту ҳам ба қатор дарою дона каш. Агар ҳамин рӯз се бор дона набиёрӣ, саратро меканам! Ба мо хӯрандаи танбал даркор нест!

Мӯрчаяк ба берун баромад. Ҳаво гарм буд, замини тафсон пойҳояш ва нурҳои офтоб пушташро сӯзонданд. Ӯ ба Офтоб нигариста хаёл кард, ки соати мӯрҳо ҳамин будааст, аз намоён шудан то фурӯ нишастани он пайваста кор мекунӣ, ба хона бор мекашӣ.

Ин дам садои таҳдидомези Мӯри Калон баланд шуд:

– Ҳа, поруғелон, боз бекор истодаӣ!?

Мӯрчаяк аз тарс як қад парида ба қатори мӯрҳо даромад ва аз паси онҳо ба алафзор, ки дар назараш ҷангали калон барин менамуд, равон шуд. Ду-се мӯри боқувват ӯро бо китф зада пеш гузаштанд ва мисли аспони даванд ба суръат тохта, аз назар дур шуданд. Мӯрчаяк дид, ки ҳама чолокона метозанд ва сустгардӣ хоси мӯрҳо нест, ӯ низ қадаммониро тезонд, то ки аз дигарон ақиб намонад. Мӯрчаяк ҳамин тавр тохта-тохта ба марғзоре расид, ки он ҷо тухмҳои пухтаю ба замин рехтаи алафҳо бисёр буданд, фақат калонтар ва болаззаттарашро интихоб карда, ба хона бурдан лозим буд. Вале диққати Мӯрчаякро бештар манзараҳои атроф, алафҳои зебои баланд, соябонмонанд ва манорашакл ба худ мекашиданд.

Азбаски дар атроф растаниҳои аз онҳо баландтаре набуданд, Мӯрчаяк ба яке аз манорашаклҳо баромад, ки аз он ҷо атрофро тамошо кунад.

Ва ӯ аз болои он «манор» бидид, ки дуртар одаме болои алаф ғелида китоб мехонад.

Ӯ дар бораи одамҳо аз мӯрҳои калонсол ҳикояҳои бисёр шунида буд. Ҳатто дар бораи аз ҷониби мӯрҳо мағлуб гардидани одам қиссаю афсонаҳои бисёре бофтаанд. Дар ҳамаи он ривоятҳо мӯрҳо нисбат ба одам зӯртар ва донотар тасвир ёфта буданд. Мӯрчаяк барои аз наздик дидани одам аз танаи алаф фуромада, ба тарафи ӯ равон шуд ва баъди чанд дақиқа ба назди ӯ расид. Вале одам ӯро намедид ва мисли пешин ба хондани китоб банд буд. Мӯрчаяк хост, ки одам ҷасорати ӯро бубинад ва часпида ба рӯйи саҳифаи китобаш, ки болои алафҳо мехобид, баромад. Одам бо дастонаш ӯро оҳиста ронд. Вале мӯрчаяк боз ба рӯйи китоб баромада, ба чашмони одам нотарсона нигоҳ карда истод. Одам хандид ва ба пеши мӯрчаяк нонреза гузошт. Мӯрчаяк нигоҳ накард.

– Ман ба нонрезаи шумо зор нестам,— гуфт ӯ,— ба ман дониш даркор.

Вале одам суханҳои ӯро нашунид, зеро овози мӯрча бениҳоят паст аст. Овози мӯронро танҳо мӯрон шунида метавонанд. Аммо одам ҳис кард, ки мӯрчаяк чӣ мехоҳад ва ба ӯ гуфт:

– Эҳтимол, ба ту ғизои маънавӣ лозим аст? Ҳа, шумо-мӯрон ҷонваракони беақлед. Барои он ки боақлтар шавед, савод доштан даркор. Савод бе китобхонӣ намешавад.

– Не, мо доноем, зеро аз ҳама ҷонварони дигар бисёрем. Аҳлона зиндагӣ мекунем,— гуфт Мӯрчаяк ва ин суханро танҳо худаш шунид.

Одам каме хаёл кард ва баъд гуфт:

— Аҳлона зиндагӣ кардан кам аст. Агар шумо ақл медоштед, ҳар як донаро тақсим карда, баъд ба анбор захира мекардед, то ки насабзанд.

Одам ба коғазчае, ки баробари тангаи яктина буд, ҳарфи «а»-ро навишта, ба пеши Мӯрчаяк гузошт ва гуфт: — Ин ҳарфи аввал аст. Инро бубар, ҳарфи дуюмро баъд мебарӣ. Бо ин ҳарфҳо дунёро меомӯзӣ, ҳақиқатро мефаҳмӣ.

Мӯрчаяк коғазчаро ба даҳон гирифта, ҷониби хона равон шуд. Ҳамин ки ба роҳи мӯргард баромад, ба мӯрони бисёре дучор шуд, ки бо тааҷҷуб мепурсиданд:

– Ин чист? Ягон чизи хӯрданӣ?

— Ин мӯрчаяк зимистон аз гурусна ғӣ мемирад.

— Девона барин-е, ба ҷойи дона коғаз мебарад!

— Парто! Вагарна Мӯри Калон саратро меканад!

Ба ҳамаи ин гапҳо эътибор надода, Мӯрчаяк ҳарфи аввалини худро ба хонаи мӯрон мебурд. Вале дар таги дар ба Мӯри Калони пурғазаб дучор шуд, ки ба гамбуски сиёҳи поруғелон монанд буд ва ҳар ду шофашро бараҳна карда, барои куштани ӯ тайёр меистод. Мӯрчаяк аз тарс коғазро пора-пора карда оҳиста-оҳиста фурӯ бурд ва Мӯри Калон ба хӯрданибоб будани коғаз бовар карда, шамшерҳояшро ба ғилоф гузошт. Ҳарфи «а» бо ранги талхи кимиёвӣ навишта шуда буд ва он ҳоли Мӯрчаякро бад кард. Шикамдард шуду дасту пояш карахт гардиданд. Ӯ фаҳмид, ки мемирад, бинобарин ба Мӯри Калон гуфт:

Ҳар донаро тақсим карда, баъд ба анбор гузоред. Баъди ин сухан Мӯрчаяк ҷон дод.

Мӯрчаҳо мувофиқи расми ачдодӣ ҷасади фавтидаҳоро мехӯрданд. Аммо Мӯри Калон манъ кард ва гуфт:

– Ҳаром аст, зеро ки ҳарфи душманро фурӯ бурдааст.

Дертар бо супориши Мӯри Калон мӯрҳо донаҳоро тақсим карда, ба анборҳо нигоҳ медоштанд ва ба ақли саркардаи худ қоил шуданд. Мӯрчаякро ба ёд оварда дашном медоданд, ки ба насли тифоқи онҳо як нафар хоин доғ овардани шуд, вале он «кӯрнамак» ҷазояшро зуд худаш дид.

Дигар касе аз мӯрҳо ҷуръати саводнокшавӣ накардааст, то ҳанӯз ҳама аҳлона дона мекашанд.

ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗИ ТАЪЛИМИ ЗАБОНИ ТОҶИКӢ ДАР ЎЗБЕКИСТОН

Аз он рӯзе, ки инсон воқеияти пайдоиши худ ва олами атрофро дарк намуд, забон чун воситаи баёни матлаб арҷгузорӣ гардид ва ба воситаи он ганҷинаи шуури одамӣ дар олам густариш ёфт. Ҳамвора забон чун пояи маърифат, ҳастӣ, таърих ва тамаддун дар олам шуҳрат пайдо кард. Зиёда аз ин, забон чун омили муҳими миллатҳо ва халқиятҳои гуногун шуҳрати беандоза дарёфт намуд.

Саъдии Шерозӣ, ки ҳунару истеъдоди инсонро аз ганҷинаи маънавии вай – забон мешуморад, гуфтааст:

Забон дар даҳон,
эй хирадманд, чист?
Калиди дари ганҷи
соҳибҳунар!

Имрӯз дар саросари дунё миқдори ками давлатҳое мавҷуданд, ки қавму миллатҳои гуногунро зери парчами як давлат муттаҳид намуда, ба онҳо бо забони худ имкони густариши маънавӣ фароҳам овардаанд. Аввалин таҷрибаи ҷаҳонӣ оид ба таълими миллатҳо бо забони модарӣ пас аз барпо гардидани Иттиҳоди Шӯравӣ ба миён омад. Ин таҷриба халқу миллатҳои гуногунро ба раванди таълими дунявӣ пешбарӣ намуда, ихтиёри бо забонҳои худ таълим гирифтани онҳоро фароҳам овард.

Соли 1918 дар натиҷаи ҷорӣ гардидани сиёсати таълимоти умумихалқӣ халқу миллатҳои гуногуни давлати тозабунёди Шӯравӣ ба забони модарии худ рӯ оварда, онро такмилу тарвиҷ доданд. Устод С. Айнӣ, ки соли 1918 муддате дар Тошканд истиқомат намуда, бо кори омӯзгорӣ машғул шудааст, барои толибилмони мактабҳои нав китобҳои дарсии худро такмил додааст. Аз ҷумла, он солҳо «Таҳзиб-ус-сибён», ки аз нигоҳи илмиву услубӣ, забону тарзи нигориш ва фарогирии маводи таълимиву тарбиявӣ гуногуну ҷолиб аст, ҳамчун нахустин китоби мукаммали синфҳои ибтидоии мактабҳои усули нав эътироф гардид. С. Айнӣ як қисми асарҳои худро ба забони ўзбекӣ таълиф намуда, тарҷумаи онҳоро низ ба роҳ мондааст.

Бо ташаббуси як зумра зиёиёни давр, ки бо ду забон – тоҷикӣ ва ўзбекӣ ҳарф мезаданд, таҳаввулоти муқтадире дар соҳаи маориф ба вуҷуд омад. Ду халқи бо ҳам бародар ду забонро ҳамвора мўътабар гардониданд, ки натиҷаи он интишори китобҳои дарсӣ ва рўзномаву маҷаллаҳои гуногун бо ду забон гардид. Дар ин кор пеш аз ҳама намояндагони усули ҷадиди таълим ва тарбия аз қабили Абдулло Авлонӣ, Мунаввараҳорӣ Абдурашидхонов, Аҳмади Дониш, Маҳмудхўҷа Беҳбудӣ, Абдурауф Фитрат, Сиддиқии Аҷзӣ ва дигарон саҳми беназир гузоштанд.

Ҳамвора бо китобҳои дарсӣ дар Ўзбекистон дар баробари маҷаллаҳо рўзномаҳои ўзбекӣ, тоҷикӣ ва русӣ, нахустин шумораи рўзномаи «Овози тоҷик» моҳи августи соли 1924 ба табъ расид ва аз соли 1930 ба «Ҳақиқати Ўзбекистон» табдили ном кард. Устод Садриддин Айнӣ бахшида ба таъсиси «Овози тоҷик» чунин гуфтааст:

Ба парда то ба чандин рози
тоҷик,
Биё, биншин, шунав овози
тоҷик...
Пас аз чанде ба хомўшӣ
ғунудан,
Баромад оқибат «Овози тоҷик»

Имрӯз чун дигар давлатҳои собиқи Шӯравӣ Ҷумҳурии Ўзбекистон чун давлати соҳибихтиёр шинохта шудааст. Аз нахустин рӯзҳои истиқлолият "Қонун дар бораи таълим" қабул шуд, ки мувофиқи моддаи 5-уми он ба халқу миллатҳои гуногун новобаста аз забон ва дину баромади иҷтимоиашон кафолат медиҳад.

Ҳамвора аз соли 1995 ин ҷониб дар назди Хонаи эҷодии табъу нашри «Ўзбекистон» дар ҳамкорӣ бо Маркази таълими ҷумҳурӣ таълиф, тарҷума ва таҳрири китобҳои дарсӣ бо 7 забон густариш ёфт. Аввалин китоби «Алифбо» барои мактабҳои тоҷикӣ зери роҳбарии академик М. Лутфуллоев (Тоҷикистон) дар ҳамкорӣ бо муаллифони ўзбекистонӣ З. Файзуллоева ва Ҷ. Эшонқулов ба табъ расид, ки мўждаи аввалини давраи истиқлолият гардид. Дар муддати кўтоҳ «Китоби хониш», «Забони модарӣ ва адабиёт» барои синфҳои 1-11 аз ҷониби олимони тоҷики Ўзбекистон – Садрӣ Саъдиев, Р. Ғаффоров, М. Кабиров, А. Қамарзода, Т. Чориев, Х. Саъдуллоев, А. Воҳидов, Ғ. Маҳмудов, А. Зоҳидов, Ҷ. Ҳамроҳ, Ҷ. Эшонқулов, Ю. Имомназар ва дигарон таълиф гардида, дар мактабҳои тоҷикӣ дастрас гардиданд.

Мувофиқи Барномаи миллии тайёр кардани кадрҳо, ки соли 1997 дар Ўзбекистон қабул шуда буд, дар донишгоҳҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла дар Донишгоҳи давлатии Самарқанд, Донишгоҳи давлатии Тирмиз, Донишгоҳи давлатии Фарғона, Донишгоҳи давлатии педагогии Чирчиқ аз як то якчанд гурӯҳ ва шуъбаҳои тоҷикӣ донишҷўёнро ҳамасола қабул мекунанд ва мактабҳои тоҷикиро бо кадрҳои педагогӣ таъмин менамоянд.

Дар конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ, ки дар шаҳри Душанбе дар мавзуи «Рушди забони давлатӣ дар партави гуфтугўйи фарҳангҳо» баргузор шуд, созишномаи ҳамкории ду донишгоҳ, дар бораи ҳамкории олимон бо маҷаллаҳои КОА Донишгоҳи омўзгории ба номи С. Айнии Тоҷикистон ва Донишгоҳи давлатии педагогии ба номи Низомии Тошканд ба имзо расид. Ҳамчунин суҳбати муфассал оид ба ҳамкорӣ байни кафедраҳои «Педагогикаи умумӣ»-и ду донишгоҳ шуда гузашт.

Тайи ду соли охир мувофиқи татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба Стратегияи тараққиёти Ўзбекистони Нав барои солҳои 2022-2026 дар назди Пажуҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотии омўзиши муаммо ва пешомадҳои таълими халқ ба номи А. Авлонӣ куллан тағйир додани барнома ва китобҳои дарсии тоҷикӣ ва тарҷумаи китобҳои дарсии тозанашрро низ ба назари эътибор гирифтааст.

Имрӯз низ равшангарон ва адибони маърифатпарвар, олимон ва муаллимон дар таълиф ва тарҷумаи китобҳои дарсӣ, нашри адабиёти бачагона, таълифи барнома ва дастурҳои методӣ ширкат варзида, дар бунёди Ўзбекистони Нав саҳми худро мегузоранд. Дар ин ҷода суханони педагоги забардасти рус К. Д. Ушинский айни маврид аст, ки иқтибос орем: «Забони модарӣ устоди бузургтарини халқист, ки дар замоне, ки ҳоло китоб вуҷуд надошт, мактаб набуд халқро таълим дода тавонист ва кунун, ки тамаддун пайдо гардидааст, ҳоло ҳам аз пайи омўзиши халқ аст».

Забон – асоси маънавии мавҷудияти халқ буда, арзиши миллии беназир аст. Муҳаббат нисбат ба забони модарӣ, муҳаббати инсонро нисбат ба Ватан муайян менамояд. Маънавиёти миллат, ҳурмати хотираи таърихӣ ва арзишҳои миллӣ, эҳтиром намудани забони худ ва халқҳои бародар вазифаи ҳар як шаҳрванд ба шумор рафта, сарчашмаи ҳаёт, пешравии давлат ва қудрату тавоноии он аст.

Зебунисо ТОҲИРИЁН.

Фидоиёни маориф

ОМӮЗГОРИ ЭҶОДКОРУ ФИДОӢ

Мо беҳуда ин суханонро нисбати қаҳрамони лавҳаамон наовардем. Пайдост, ки на ҳама дорои ин сифатҳоянд. Ҳастанд нафароне, ки барои миллат, таълими миллӣ суханони баландпарвоз ва пурҳарорат мегўянд, вале вақти дар зини аспи амал нишастан ин ҳамаро фаромўш ва ё бо рафти замона созиш мекунанд...

Омўзгори мактаби рақами якуми ноҳияи Сўх Абдулҳошим Ҷалолов аз зумраи фардҳоест, ки дар баробари дўст доштани пешаи худ, доштани маҳорати баланди соҳавӣ барои забону миллати хеш ҷонсўзу ҷонфидост. На дар забон, балки дар амал ў содиқ ба аҳди худ аст.

Ин дастпарвари Донишгоҳи давлатии Самарқанд (1993) ба вазифаи ҷонишини директори мактаб оид ба корҳои маънавӣ ва маърифатӣ ба қарибӣ, аниқтараш, дар соли таҳсили нави ҷорӣ таъин гардидааст.

Дар фурсати кўтоҳ бо саъю ҳаракат, талош ва таку давҳо вай тавонист, ки толорҳои мактабро бо лавҳаҳои панду андарзҳои тоҷикӣ ҷиҳозонад. Ҳар як утоқи фаннӣ бо навиштаҷоти зарурӣ оро дода шуд. Гўшаҳои махсус доир ба фаъолияти дабистон ташкил гардид ва ин ҳама, бе ёрии моддии талабагон, аз ҳисоби худи Абдулҳошим маблағгузорӣ шудааст. Портретҳои адибони тоҷик, чӣ муосиру чӣ классик, бо байтҳои пандомезашон дар толорҳо овезонанд ва ин имкон медиҳад, ки талаба дар вақти танаффус онҳоро омўзад, ҳифз кунад.

Абдулҳошим соҳиби маданияти баланд буда, бо ҳамкорону шогирдонаш зуд забон меёбад ва дар ташкилу гузаронидани чорабиниҳои фанниву фарҳангии мактаб комёб мегардад. Ана барои ҳамин ҳам имрўзҳо кораш пеш меравад, обрўяш дар ҷамоаи педагогӣ ва байни волидон рўз аз рўз меафзояд.

Бояд гуфт, ки дар мактаб сафи омўзгорони соҳибтаҷриба ва камарбастаи соҳаи таълим бисёранд. Онҳо низ ёвару маслиҳатгари Абдулҳошиманд ва барои тарғиби мақоми забони модарӣ беш аз пеш ҷидду ҷаҳд менамоянд.

– Боло бардоштани сатҳи маънавият ва ҳисси меҳанпарастиву ифтихори миллӣ дар дасти худи мост. Шукр, ки туфайли эътибор ва сиёсати дурандешонаи сарвари давлат забони мо зинда ва таълим дар мактабҳоямон, ба оҳистагӣ бошад ҳам, бо забони модариамон сурат мегирад. Ман ҳаракат мекунам, ки тибқи Қонуни Асосии кишварамон, барои пойдории забони модарӣ тамоми имкониятҳоро истифода барам, – гуфт дар суҳбат бо мо Абдулҳошим Ҷалолов. – Барои ин қувваю ғайрат ва маблағамро дареғ намедорам...

Ин кори хайри Абдулҳошим Ҷалолов воқеан хеле арзанда ва қобили дастгирист. Бо чашмони сар дидем дар мактабе, ки ў фаъолият дорад, толору синфхонаҳоро хеле хуб ҷиҳозонидаанд. Портретҳои бузургони илму адаб, байтҳову суханҳои пурҳикмати шоиру нависандагони тоҷик, аз рўйи мантиқ ба болои дари ҳар синф гузошта шудани навиштаҷоти муносиб аз эҷодкории Абдулҳошим дарак медиҳанд.

Воқеан, одамро муҳит ташаккул медиҳад. Ба ин муносибат шоири муосири тоҷик Аскар Ҳаким чӣ барҳақ фармудааст:

Аз миллату аз забони худ ёд кунед,
Арвоҳи гузаштагони худ шод
кунед.
То ҳарф занад ба тоҷикӣ тифли
шумо,
Дунёи варо тоҷикӣ бунёд кунед.

Ҳанўз айёми мактабхонӣ солҳои пеш аз истиқлол дар мактабамон ҳамаи шиору деворовезаҳо ба забони модарӣ буданд. Қариб ҳама аз бисёр хондан он байтҳои ҳикматомезро азёд карда будем ва дар байтбаракҳо истифода мекардем.

Ҳоло дар ҳамаи мактабҳои миллии ҷумҳуриамон забони давлатӣ, яъне ўзбекӣ шурўъ аз синфи ду омўзонда мешавад. Ба фикри мо, ҳамин кофист, ки насли ҷавон забони давлатиро ба дараҷаи даркорӣ омўзад. Вале дар мактабҳои миллии таълими ҳамагонии кишвар ба манзарае дучор меоем, ки даруну берун аксарияти шиору деворовезаҳо ба забони давлатиянд...

Корҳое, ки Абдулҳошим анҷом медиҳад, ҳама дар доираи Конституция ва Қонуни забони давлатии Ҷумҳурии Ўзбекистон мебошанд. Вай ба рушди забон ва маданияти миллии яке аз халқҳои таҳҷоии мамлакатамон саҳм мегузорад. Худо ўро дар ин кори савоб комёб гардонад.

Раҳимбердӣ ТОШМАТОВ,
Аҳрори МАҲМУДЗОД.

Вилояти ФАРҒОНА.

Гузашти айём

ЁДИ ОН РӮЗҲО...

Лаҳзаҳои шаккаринам,
Хони шаҳду ангубинам.
Хуштаринам, беҳтаринам,
Бачагии нозанинам...

Соли нав, арчаи сарсабз ва Бобои барфию Барфак зодгоҳ, кўҳҳои осмонбўси барфпўш, ҳавлӣ, хонаи хурдакаки пур аз меҳри падару модар, додару хоҳаракон, ҳамсояву наздиконро ба ёд меорад.

Бахусус, нафаре, ки аз зодгоҳ дур аст, манзили бобоиро бо пазмониҳо ёд мекунад. Шабҳои зимистон аҳли оила дар як хона ҷамъ мешудем. Падарам китобу рўзнома меҳонд, хоҳарам дарс тайёр мекард, додарам сурат мекашид, модарам либосҳоямонро бо дарзмоле, ки бо лахчаи ангишту чўб гарм мешуд, дарзмол мекард.

Момоям урчуқ мересид, мо – хоҳарон кашидаю сўзанӣ медўхтем. Ҳамаи ин гирумон дар зери чароғи керосинӣ анҷом меёфт.

Падарам омўзгор буд. Дар қатори фарзандони мардум, саъй менамуд барои донишомўзии даҳ нафар фарзанди худ шароит фароҳам оварад.

Шаби Соли нав рўйи дасторхонро бо таомҳои миллӣ ва меваҷот, аз ҷумла, барак, ғилминдӣ, чалпаку қатлама, шираки бодом, пичаки кадугин, тутмавизу ғўлинг, қоқии себу шафтолу, талқони себ, мураббоҳои гуногун, ки маҳсулоти боғамон буд, пур мекардем. "Соли нав соли серию пурӣ шавад", дуо мекард момоям.

Падарам шеър мехонд, аз ҳар яки мо низ шеъру суруд талаб мекард.

– Саёҳатҷон, духтарам, ту ҳоло кадом шеърро мехонӣ? Ба ивази шеър – аз ман туҳфаи солинавӣ, – мегуфт ба хоҳарам.

Додару хоҳарон як-як шеър мехондем, то аз туҳфаи падар бенасиб намонем:

Соли нав омад саломам кун қабул,
Барги сабзи эҳтиромам кун қабул.
Мисли арча зиндагият сабз бод,
Барфи испеди паёмам кун қабул.
Мефиристам барфии андешаҳо,
Дарҷ дар онҳо каломам кун қабул.

***

Ин духтаракро бингаред,
Дар тан либоси сап-сафед.
Меҳмон ба назди мо шудаст,
Шодӣ кунед, шодӣ кунед...

Туҳфаи падарам аз қаламу дафтар, китоб, барои хоҳарони хурдсолам зочаю бозичаҳо буд. Баъзан танҳо аз "боракаллоҳ", "офарин"-гўиҳои падарам курта-курта гўшт мегирифтем...

Дар ёдам, шабҳои зимистон баъди хўроки шом падарам мегуфт:

– Биёед, бозӣ-чистони "Рав кунҷи биҳишт" мебозем. Ва худ оғоз мекард: "Панҷ духтару ду писар, аз чашма боло", ё ин ки "Се писару як духтар, аз чашма поён". Ва мо шумораи фарзандони оилаҳои аз чашма боло ва ё поёнро як-як аз пеши назар гузаронда, дар кадом оила ин миқдор бача будаанашро меёфтем. Масалан, оилаи амаки Йўлдош, оилаи апаи Нурбӣ, оилаи янгаи Ойбӣ ва ғайра. Агар наёбем, падарамро "Рав кунҷи биҳишт" мегуфтем. Бозии дигареро низ якҷоя иҷро мекардем. Боре модарам ба бозӣ ҳамроҳ шуда гуфт: "Сарҳарфаш "ч", узви одам, ёбед». Хоҳарам Латофат фаъолтар буд. "Ёфтам, ёфтам, "чашм", – гуфт ў.

– Не, наёфтӣ.

– Чиллак (ангушт).

– Не, не, «рав кунҷи биҳишт» гў.

Мо бо як овоз "Рав кунҷи биҳишт" гуфтем.

– Ҷавоби дуруст "чини пешонӣ", – гуфт модарам.

Фикр мекунам, чунин машғулот ба бачаҳо ҳозирҷавобиро меомўхт, фикрашонро чарх медод. Дареғ, ҳоло ҷойи ин бозиҳоро воситаҳои техникӣ гирифтаанд.

Дар деҳаи мо зимистон, ба назарам, он солҳо (солҳои 60) хеле сард меомад. Аз хунукии сахт бузу гўсфандон нобуд мешуданд, ему хошок намерасид.

Рўзе саҳарӣ овози гиряолуди модарам шунида шуд:

– Ғуноҷин аз хунукӣ бача партофтааст, хабаргириву ғамхориҳоям беҳуда рафт.

– Афсус нахур, балои омада ба ҳамин зада бошад,– гуфт падарам.

– Охир, рўзгорамон аз паси чорво, ширу ҷурғот буд.

Дар ёдам, моҳи январи соли 1972 қариб як ҳафта беист барф борид. Барои об ба чашма рафта натавонистем. Модарам фармуд, ки ҳамаи зарфҳо – сатилу чойнак, дегу кўзаҳоро аз барф пур кунем. Вақте дар зарфҳо барф об мешуд, аз докаи чорқабата гузаронда, ба чою хўрок, ҷомашўиву дастшўйӣ истифода бурдем...

7 январи ҳамон сол тўйи арўсии ҳамсояамон – апаи Муҳтарам барпо гардид. Рўзи дуюми тўй бояд маросими арўсбиёрон мегузашт. Ҳамон шаб чунон барф борид, ки субҳ дарҳоро кушода натавонистем. Роҳҳо то қади одам барф.

– Додош, арўсро чӣ хел мебаранд? – пурсид модарам.

– Барф каме об шавад, мебурдагистанд, – бепарвоёна гуфт падарам.

Баъди ду рўз арўсро аспсавор ба хонаи бахташ бурданд. Он рўзгор дар гирди гулхан базм меоростанд. Ҳофизон, доиранавозону танбўрнавозони деҳа ҳунарнамоӣ мекарданд...

Баъзан, ҳаёти имрўзаро бо он рўзгор муқоиса мекунам. Ба фикрам, дар он рўзгор мардум шукргузор ва таҳаммулпеша буд, ба будааш шукр, ба набудааш қаноат мекард.

Имрўз баъзе арўсшавандаҳо талаб мекунанд, ки домод бо мошинҳои қатор-қатори замонавӣ омада онҳоро барад, сарупо ва ҷиҳози қиматбаҳо биёрад. Ба камию костиҳои рўзгор сабр намекунанд, кўтоҳандешанд. Ин аст, ки таъдоди оилаҳои парокандашуда торафт зиёд мешавад.

Бигузор, соли нав ба ҳар як пиру ҷавон соли пурфайзу баракот бошад, бинои оилаҳои ҷавон мустаҳкам бошад.

Саодат РӮЗИЕВА.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши,
Ўзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ўзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
Тожик тилида нашр этилади.

Сармуҳаррир
Шерпўлод ВАКИЛОВ
Рўзнома ҳафтае ду маротиба: рўзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.
Рўзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.

Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рўзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.

Рўзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ўзбекистон таҳти рақами 0003 ба рўйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-125. Адади нашр 353 ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ. Усули нашр — офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Суратҳисоби мо дар бонк: С/Ҳ 20212000300101767001, МФО 00417. Филиали Автотранспорти бонки ДСТ-и «ASAKA» дар шаҳри Тошканд.

Муҳаррири навбатдор: А. Субҳонов.
Мувофиқи ҷадвал — 21.30
Ба чоп супурда шуд — 21.00

Нишонии мо:
100000 ш.Тошканд, кўчаи Матбуотчилар, 32.
Телефонҳо: қабулгоҳ : 233 - 82 - 83; Котибот 233 - 83 - 35. Факс: 233-57-30.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ».
Нишонии корхона: кўчаи Буюк Турон, хонаи 41.